ПРОТОКОЛИ № 7
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-092

аз 12 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Муовини раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Ниёзӣ Ё. Б.ва аъзоёни комиссия Содиқӣ Н.Н., Умедов М.Ҳ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Нурулҳақ Қамар - доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Норбоев Юсуфҷон Мардонқулович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 24 декабри 2026, соати 16^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа **Саид Н.С.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа **Ҳаитов Ф.Қ.**